АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ № 4, 2015

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК № 4, 2015

**УДК: 8 тоҷик + 82.09** **РАҲМАТОВА О[1].**

# МАВҚЕИ ҚАСИДА ДАР ЭҶОДИЁТИ САЙФИ ИСФАРАНГӢ

Мақола ба мавқеи қасида дар эҷодиёти яке аз адибони шинохтаи адабиёти тоҷикӣ – форсии Мовароуннаҳри охирҳои асри XII ва нимаи авали асри XIII Сайфи Исфарангӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар заминаи маъхазҳои мавҷуда, аз ҷумла «Девон»-и шоир ва ишораҳои аввалияи аҳли таҳқиқ ба натиҷа расидааст, ки теъдоди қасидаҳои суханвар дар нусхаҳои қаламии девони ӯ аз 193 то 219 адад мебошанд ва дар муқоиса бо ғазал, қитъа ва рубоиёташ дар шумор афзалият доранд. Яъне, қасида дар эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ ҷойи аввалро ишғол менамояд. Ҳамчунон дар мақола мухтасаран доир ба сохту муҳтавои қасидаҳои шоир андешаронӣ шудааст.

**Калидвожаҳо:** адабиёти тоҷикӣ – форсӣ, қасида, Сайфи Исфарангӣ, қитъа, ғазал, рубоӣ, мадҳ, шикоят аз замон, ҳабси ҳол, сабк, ҳусни баён, забон.

Сайфи Исфарангӣ (1175/6-1260) аз суханварони маъруфу машҳури Мовароуннаҳри охирҳои асри XII ва нимаи авали асри XIII тоҷику форс буда, дар Исфараи кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд ва дар шаҳри Бухоро фавтидааст. Таҳсилкунандаи мадрасаҳои Самарқанду Бухоро мебошад. Мавсуф аз ҷавонӣ дар шоирӣ ном баровարда, то ба даргоҳи шоҳи Хоразм Муҳаммад Хоразмшоҳ (соли 1207) роҳ меёбад ва бар мадҳи дарбориён, аз ҷумла Муҳаммад Хоразмшоҳ, вазири вай Низомулкмулк Муҳаммад ибни Солеҳ ва дигар арбобони Хоразмшоҳ мепардозанд, ки ин дер давом накардааст. Минбаъд шоирро дар саёҳати шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон, Хуҷанду Андиҷон, Самарқанду Бухоро, Ҳироту Машҳад ва ғ. мебинем. Сайфи Исфарангӣ дар ин сафарҳо бо тамоми табақаҳои аҳли замон ошноӣ пайдо кардаву маълумоти муфид ба даст оварда, андешаҳои ҷамъбастии худро дар осори манзуму мансури худ забту сабт намудааст, ки девони ашъори то ба замони мо расидаи ӯ баёнгари ҳол мебошад. «Девон»-и шоир камобеш аз 12 ҳазор байт иборат буда, нусхаҳои қаламии он то ба имрӯз дар музеи Британия, китобхонаи Бонкипур, китобхонаи Авади Ҳиндустон, китобхонаи Индия Офис, китобхонаи Сипаҳсолор ва китобхонаи Маҷлиси Эрон, китобхонаи Сальтыков – Щедрини Санкт – Петербург, ганҷинаи Институти шарқшиносии Санкт – Петербург, китобхонаи Шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Узбекистон ва ганҷинаи дастнависҳои шарқии ба номи академик А. Мирзоеви Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ нигаҳдорӣ мешаванд, ки қасида, қитъа, тарҷеот, ғазал, рубоӣ ва дигар анвои шеърии эҷодкардаи Сайфи Исфарангиро дар худ маҳфуз доранд. Ин девон аз шоҳкориҳои адабиёти бадеии асри XII Мовароуннаҳр буда аз шиносоӣ бо нусахи гуногуни он бармеояд, ки дар байни эҷодиёти шоир қасида ҷойгоҳи асосиро ишғол менамояд. Аз ҷумла, дар нусахи қаламии ганҷинаи Институти шарқшиносии Санкт – Петербург 219 қасида, дар нусахи қаламии китобхонаи Институти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Узбекистон 203 қасида, дар нусахи қаламии дастнависҳои шарқии ба номи академик А. Мирзоеви кишвар, зери рақами 59 193 қасида ҷой дорад. Ин дар ҳолест, ки нусахи аввалӣ 171 қитъа, 14 тарҷеҳ ва 154 рубоӣ, нусахи сонӣ 175 ғазал, 157 қитъа, 14 тарҷеҳ ва 174 рубоӣ ва нусахи қаламии тоҷикистонӣ ҳамагӣ 160 қитъа, 86 ғазал, 15 тарҷеҳ ва 120 рубоӣ доранд [1, 38-40].

---

[1] **Адрес для корреспонденции:** Рахматова Озодахон – соискатель КТГУ им. Носира Хусрава Республики Таджикистан, 735140. Республика Таджикистан, Хатлон. обл., г.Курган- тюбе, ул. Исмоила Сомони д. 391 Тел: 985873636.

Дар «Девон»-и Сайфи Исфарангӣ, ки дар Мултони Зубайда Сиддиқӣ интишор ёфтааст, 194 қасида, мавҷуд аст [2]. Ададҳои овардашуда баёнгари онанд, ки дар ҳақиқат қисми асосии девони шоирро жанри бадеии қасида ташкил менамояд. Яъне, аз нусхаҳои мавҷудаи «Девон»-и Сайфи Исфарангӣ бармеояд, ки дар онҳо аз 193 то 219 адад қасидаҳои суханвар маҳфуз мондаанд.

Қасидаҳои Сайф аз ҷиҳати сохту шакл аз қасидаҳои анъанавии то замони ӯ эҷодшуда тафовут надоранд. Вай дар эҷоди ин жанри бадеӣ қасидаи суннатиро, ки аз якчанд бахш, монанди матлаъ, ташбиб ё насиб, тахаллус ё гурез, мадҳ, дуъо ва мақтаъ иборат мебошад, устокорона риоя намудааст. Масалан, дар қасидае, ки дар мадҳи Носириддин Аҳмад Аъзам ал – Ҳусайнӣ гуфта шудааст, аз 38 байт иборат буда, дар он ҳамаи талаботҳои фавқ риоя шудааст. **Матлаъи** қасида ин аст:

Шаб ҷилва кард шоҳид маҳро арӯсвор
В – аз шом гашт ойинаи чарх зангбор [2,243].

Пас аз ин 13 байт **ташбиб** ё **насиба** қасида омада, ки дар он тасвири шаб баён ёфтааст. Ин қисмат бавуҷудорандаи вазъи муносиб барои изҳои қасди асл мебошад.

Бахши минбаъдаи ин қасидаи Сайфи Исфарангӣ **тахаллус** ё **гурез** баргардиши матлаб аз **ташбиб** ва **насиб** ба мақсади асосӣ аст. Ин байтҳои шоир аз қасидаи мазкур баргардиш аз **ташбиб** ба мақсади асосӣ дониста мешавад:

Ин байтҳо агарчи ба наздики аҳли дил
Дорад мисоли бода, ки талх асту хушугувор,
Бошад муҳимтар он ки бувад матлаи сухан
Дебочаи маҳосину феҳристи ифтихор.
Зикри санои Носири дин, саййиди аҷал,
Қутби мулук, хусрави содоти комгор [2, 243 - 244].

Аз байти сонӣ **мадҳ**, асли мақсад ва бахши поёнии қасида омадааст. Дар ин бахши қасида мақсади асосӣ ба андозаи матлаби нияти пешомада ба меъёри бардошти мамдуҳ баён ёфтааст, ки 18 байтро ташкил медиҳад.

Ниҳоят дар 2 байти пеш аз мақтаъ бахши **дуъо** омада, ки онро шоир бо ибораҳои муносиби ҳоли мамдуҳ ин тавр баён менамояд:

Бар остини давлати даври камоли ту
Бас бошад ин тироз зи мани банда ёдгор.
Ҳар сол то ба зери гулистони осмон
Товуси ид ҷилва кунад хештан ду бор [2, 245].

Дар ин қасида бахши **дуъо** бо **мақтаъи** он ончунон печида омадааст, ки байти мақтаъ бо идомаи бахши **дуъо** ҷамъбаст мегардад:

Бар ту, ки ҳаст иди маонӣ лиқои ту,
Ҳар рӯз ид бод ба таъйиди Кирдгор [2,245

Бояд таъкид намуд, ки дар бештари қасоиди Сайфи Исфарангӣ ин шаш бахши офаридани як қасидаи мукаммал мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ба ин маънӣ, адабиётшинос Урватулло Тоиров менависад, ки «Яке аз шароитҳои қасидаи хуб доштани ҳусни матлаъ ва ҳусни мақтаъ аст» [3, 416] ва мо инро дар мисоли болоӣ ба мушоҳида гирифтем. Дар байни қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ қасидаҳои номукаммал низ ҷой доранд, ки дар ин бора дар мақолаи дигар сухан хоҳем ронд. Он чи ин ҷо дар бораи як қасидаи комил ибрози назар шуд, албатта ба сохт ва шакли он вобаста аст.

Дар бораи қасида мулоҳизаронӣ намуда муаллифони китоби «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ», аз ҷумла, навиштаанд, ки «Қасида дар назми классикии тоҷик аз асри IX –X сар карда ниҳоят тараққӣ ёфт. Вай асосан ба мадҳу ситоиши амирон ё намояндагони сулолаи ҳукумрон бахшида мешуд. Аммо аз асри IX –X сар карда доираи мавзӯи қасида хеле васеъ шуд ва ба он мазмунҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ роҳ ёфт. Давраи инкишофи қасида асрҳои X – XII буд; [4, 145 - 146]. Ва бешубҳа Сайфи Исфарангӣ, ки аз намояндагони намоёни адаби асри XII ва асри XIII маҳсуб меёбад, дар таҳаввули жанри қасида дар баробари сохт аз нигоҳи мавзӯъ низ ба он бетаъсир набуд. Дар алоқамандӣ ба қасоиди мавсуф агар ба таври умумӣ ба мавзӯъ ва муҳтавои ин жанри шеърӣ таваҷҷуҳ фармоем, мебинем, ки он «асосан дар ситоиши шоҳону амирон

дӯстону наздикон, накӯҳиш, ҳаҷв, тарғиби панду ахлоқ, шикоят аз беэътинои ҷаҳон, тақдир аз замони шум, таблиғӣ ақидаҳои фалсафию ирфонӣ, динӣ, мазҳабӣ, тасвири табиат, ишқу ошиқӣ, фаслҳои сол ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргону Сада, васфи биноҳои муҷаллали қасрҳо ва ғ. суруда мешуд» [3,415-416].

Аҳли таҳқиқ, ки ба ин ё он муносибате ба мавзӯҳои қасоиди Сайфи Исфарангӣ муроҷиат намудаанд, онро ба таври зайл тақсимбандӣ кардаанд:

1. Қасидаҳое, ки танҳо ба мадҳу ситоиши мамдуҳ бахшида шудаанд;

2. Қасидаҳое, ки дар онҳо дар баробари таърифу тавсифи мамдуҳ баъзе воқеъаҳои таърихӣ зикр ёфтаанд;

3. Инъикоси лаҳзаҳои ҷудогонаи тарҷумаи ҳоли шоир;

а) қасидаҳое, ки шоир дар зимни мадҳу ситоиши аз аҳволи худ хабар медиҳад;

б) қасидаҳое, ки шоир дар зимни мавзӯъ аз шеъру шоирии худ фарх мекунад;

в) қасидаҳое, ки шоир дар онҳо бевосита аз замон ва аҳволи худ шикоят менамояд.

4. Қасидаҳои васфия ва фахрия, ки бо инҳоро низ дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ метавон дучор омад [1, 41-42; 5, 80-81].

Вақте ба қасоиди шоир аз нигоҳи мавзӯъ наздик шавем, мебинем, ки бештари қасидаҳои ӯ мадҳиянд. Ин сабаб дошт. Сабаб дар он буд, ки аз як тараф, агар ба шоир, шоире, ки шеъраш пухтаву рехта аст, саркардагону ҳокимон ва садрҳо то чое таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд, аз ҷониби дигар, сафарҳои зиёд ва раҳораҳ аз ҷиҳати маишӣ худро таъмин намудан ӯро ба эҷоди қасидаҳои мадҳӣ талқин менамуд. Дигар ин ки ӯ аз ҷавонӣ ба дарбори Муҳаммад Хоразмшоҳ, тақрибан байни солҳои 1205 – 1207, даъват шуда будааст. Сайфи Исфарангӣ дар ин дарбор хеле кам фаъолият намуда бошад ҳам, мадеҳаҳои зиёди худро, тавре ишора рафт, ба Алоуддин Санҷари сонӣ, яъне Муҳаммад Хоразмшоҳ, вазири уҳдабарои вай Низомулкмулк Муҳаммад ибни Солеҳ ва дигар арбобони давлати ӯ бахшидааст. Вай, аз ҷумла, дар оғози қасидаи худ «Фӣ – л – мадҳи Султон Алоу – д – дунё ва – д – дин Санҷар Муҳаммад ибни Текеш Хоразмшоҳ» [2,258 - 261], ки аз 45 байт иборат мебошад, мамдуҳи худро ба сифати фотеҳи замон васф намуда мегӯяд:

Дар гулшани мулк бори дигар
Товуси зафар кушод шаҳпар.
Афканд ҳумои фатҳ соя
Бар чашмаи офтоби ханҷар.
Дебочаи корномаи мулк
Шуд хатм ба номи шоҳ Санҷар.
Яъне, ки Алои дину дунё,
Султони муҷоҳиди музаффар.
Шоҳе, ки кашад камони туғро – ш
Тири гардун ба хатти меҳвар…
[2,258 -259]

Сайфи Исфарангӣ мудати кӯтоҳе дар дарбори Хоразмшоҳиён зиндагонӣ намуда, баъд ба сафарҳои шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон мебарояд. Ҳусайнқулихони Азимободӣ менависад, ки «муддате ба рафоқати Хоразмшоҳ ба сар бурда ва баъд аз он чанде ба саёҳати Хуросон мутаваҷҷеҳ…» шуда [6, в.153 а]. Аз қасидаҳои шоир «Фӣ Имолулмулк Қивому – д – давла ва – д – дин ал - Ироқӣ», «Фӣ мадҳи паҳлавони Хуросон Шарофу – л – мила ва – д – дин Алоу – л – мулк», «Фӣ мадҳи имоми – л – аҷалл Нуриддин Шарафуддин ал – Кошонӣ» ва дигарон бармеояд, ки вай чанде дар хоки Хуросон низ будааст.

Сайфи Исфарангӣ пас аз сайёҳати Хуросон, ки муддати он аз саҳфаи маъхазҳо дур афтодаву дар «Девон»-и шоир ҳам равшан инъикос наёфтааст, рӯ ба Самарқанду Хуҷанду Бухоро меорад ва ба маддоҳии садрҳои он манотиқ монанди Ҷалолуддин, Шамсуддин, Авҳадуддин, малики Хуҷанд Ихтиёруддин, Бурҳониддин, Садриддин, муфти Ҷалолуддин, ноиб Сайфуддин, қозӣ Заҳириддин ва дигарон мепардозад. Вай садру саркарда ва мансабдорони фавқро асосан ба умеди беҳбудӣ ва рафъи аҳволи моддии худ ситоиш мекард, вале аз онҳо илтифоти кам ва ё умуман илтифоте намедид.

Вай садри аъзам Ҷалолуддин Ҳусайни ас – Самарқандиро дар қасидае иборат аз 59 байт он қадар ситоиш менамояд, ки дар баъзе абёт аз муболиға то ба иғроқ мерасад. Оғози қасида ин аст:

Эй ҳалқаи хотами Сулаймон,
Бар лаъли ту тез карда дандон.
Ёқути лаби туrост меҳре
Дар акси сафои хеш пинҳон.
Тунги шакари туrост боре,
Товуси малоикат магасрон.
Бо ёди ту гулнигор гашта
Девори баҳорхонаи ҷон…
[2, 394]

Дар қасидаҳои шоир шикоят аз аҳли замон, бахилию нотавонбинии шоирони дарбор, воқеъаҳои нангини давр, инқилоби рӯзгор, ҳатто дар шикасти Хоразмшоҳиён аз тарафи Чингиз тааассуф хӯрданҳои Сайфи Исфарангӣ нолаҳои ҷонкоҳеанд, ки аз дуриҳои дури таърих имрӯз ба гӯши ҳуши мо садо медиҳанд ва саҳнаҳои ҳузновари он замонро ба чашмамон менамоянд.

Шоир дар замони худ нисбатан озод бошад ҳам, вале зиндагии вазнин, аламҳои рӯҳӣ, кулфату ранҷ ва ғаму ғуссаҳои ӯ ба сабаби саргардонию аз дарбор ба дарбор сарзаданҳо, кам набуд, ки дар қасидаи «Дар мазамматi рӯзгор» мегӯяд:

«Аз шикасти тани худ дарди сарам ҳаст чу зулф,
Лек он дастрасам нест, ки сар барбандам.
Гирди хубон дили девона аз он мегардад,
Ки ба занҷири сари зулф камар барбандам.
Пора бодо чу қуроза дилам, ар ҳамчу нигин
Аз паи мулки ҷаҳонӣ – ш ба зар барбандам…
[2,335-336]

Ин ҳама маънои онро надорад, ки Сайфи Исфарангӣ дар зиндагӣ баъзан рӯзгори орому осударо надида бошад. Чун мадҳи ҳокиму садрҳо мекард, аз онҳо илтифот ҳам медид ва нафасе осуда мекашид, ки ҳолати рӯҳи болидаи шоирро бештар дар тағаззулоти ӯ мебинем. Ин бахши қасидаҳои шоир рӯҳро болида, хаёлро парвозӣ, дидаро нур мебахшанд ва машомро ҳоло ҳам муттар доранд:

Субҳ, ки аз насими ӯ гулшани рӯҳ хуррам аст,
Пардагиёни ишқро дар раҳи сидқ маҳрам аст.
Мурдадилони куфру дин зинда шаванд аз дамаш,
Хандаи субҳро магар атсаи рӯҳ ҳамдам аст.
Куштаи теғи меҳрро чашмаи Хизр дар раҳ аст,
Хастаи тири субҳро дарди ниёз марҳам аст…
[2,160]

Ё шоир ҷои дигар дар тағаззули қасидаи ба маликзода Алоуддин Алӣ ас – Самарқандӣ бахшидааш мегӯяд:

Соқӣ, биёр бода, ки боди саҳар вазид,
Вақти сабӯҳ омадаю субҳдам дамид.
Аз ҷилваи Баноти меҳину арӯси моҳ
Лӯлизани сапедафурӯши шаб орамид.
Пероҳане, ки духт замона зи лои хеш,
Онро ба чанги ҳодиса гурги саҳар дарид.
Бархост боз шоҳиди шамъ аз миён чу субҳ,
Сӯи сабӯҳиён ба шакарханд лаб газид.

Бедор кун зи хоб ҳарифони хуфтаро,
К – аз интизор ҷони сурохӣ ба лаб расид.
Ту нӯш – нӯш гӯю матарс аз рақиб, аз он – к
Н – ояд бад – ин қадар даҳани танги ту падид…

[2, 216].

Аз нигоҳи сабк, ҳусни баён, забони шево ва фарогирии санъатҳои бадеӣ қасидаҳои Сайф гӯшнавоз, равон ва дорои орояҳои дилнишини бадеиянду дар ҳар чӣ ғановатмандтар гардидани забони адабии мо дорои аҳамияти вижа мебошад.

Ниҳоят, Сайфи Исфарангӣ дар таърихи адабиёти тоҷикии форсӣ аз саромадони қасидасаро маҳсуб ёфта, қасида дар эҷодиёти ӯ мавқеи аввалиндараҷаро ишғол менамояд. Қасидаҳои шоир баёнгари рӯҳияи замони гӯяндаи онҳо буда, имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардаанд. Аз ин рӯ, ҳамаҷониба омӯхтану таҳқиқ намудани қасоиди шоир ба мо имконият медиҳад, ки баъзе торикиҳои замони мавсуфро равшанӣ андозем, ба маҳорати шоирии ӯ баҳои арзишманд диҳем ва бар мақоми суханвариаш арҷ гузорем.

**Адабиёт**

1. Сулаймонова, Л. Ҳаёт ва эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ / Лола Сулаймонова. – Душанбе: Дониш, 1973.-116 с.

2. Исфарангӣ, Сайф. Девон / Сайфиддини Исфарангӣ. Тасҳеҳ ва таҳқиқи Зубайда Сиддиқӣ.– Покистон: Мултон, бидуни соли нашр.–752с.

3. Тоиров, У. Қасида / У. Тоҳиров // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе: Сарредакцияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2004. Ҷ.3. – 524 с.

4. Ҳодизода, Р. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ // Р. Ҳодизода, М.Шукуров, Т.Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон, 1966.–188 с.

5. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII – XIV. Қисми якум / Е.Э.Бертельс, А.Э.Бертельс, А.Н. Болдырев, М.Н. Усмонов, Р. Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1976. – 348 с.

6. Азимободӣ, Ҳусайнқулихон. Ништари ишқ / Ҳусайнқулихон Азимободӣ. Нусхаи хаттии фонди музеи А.Н. Семёнов, рақами 88. Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**РАХМАТОВА О.**

## МЕСТО КАСИДЫ (ОДИ) В ТВОРЧЕСТВЕ САЙФИ ИСФАРАНГИ

Статья посвящена определению места касиды, как литературной формы, в творчестве известного поэта, представителя персидско – таджикской литературы Мовераунnахра второй половины XII – первой половины XIII вв. Сайфи Исфаранги.

Автор на основе анализа имеющихся литературных источников, в частности, «Диван»-а поэта, мнений исследователей о творчестве Сайфи Исфаранги, приходит к выводу о том, что касида в принадлежащих поэту диванах достигает 193-219 и написаны на высоком уровне, чем другие литературные формы – газель, кит'а и рубаи. Другими словами, касида занимает первое место в творчестве Сайфи Исфаранги.

Автор статьи подробно исследует содержание, структуру и литературные особенности касиды в творчестве поэта.

**Ключевые слова:** персидско – таджикская литература, Сайфи Исфаранги, касида, кит'а газель, рубаи, структура, литературные особенности, «Диван».

**RAKHMATOVA O.**

## PLACE OF QASIDA IN SAYFI ISFARANGI'S WORK

The article is devoted tj the literary janre - qasida in the works of Sayfi Isfarangi wholived in the first hall of XIII century. The author based on Divan of Sayfi comes to the conclusion that his work was writlen in very high level.

**Keywords**: persian-Tajik? Literature, qasida, git'a, gazel, structure, divan, pecularitics.